# ПРОТОКОЛИ № 06
## маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**25 феврали соли 2023** **ш.Душанбе**

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Маҳмадёрзода Усмон Маъмур – д.и.к., 06.01.01
2. Норов Мастибек Самадович – д.и.к., 06.01.04
3. Исмоилов Махсатулло Исроилович- д.и.б., 06.01.01
4. Асозода Нуралӣ Маҳмадулло – д.и.к., 06.01.04
5. Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич – д.и.к., 06.01.04
6. Гулов Сайдалӣ Мамурович – д.и.б., 06.01.07
7. Қахаров Қахар Ҳабибуллаевич – д.и.к., 06.01.07
8. Набиев Толиб – д.и.к., 06.01.04
9. Саидзода Саидҷамол Тоҷидин – д.и.к., 06.01.01
10. Салимзода Амонулло Файзулло – д.и.к., 06.01.01
11. Сардоров Маҳмадиёр Наимович – д.и.к., 06.01.01
12. Султонова Мавҷуда Ҳасановна - д.и.к., 06.01.07
13. Ташпулатов Муҳамадӣ Маҳмадқулович - д.и.к., 06.01.07

**Раисикунанда:** д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур,

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.к., профессор Набиев Т.Н. оид ба шиносии пешакӣ ба диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сухан намуда, қайд кард, ки диссертатсияи мазкур барои ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад. Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.к., мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Тош Садулоевич ва мушовири илмӣ д.и.к., профессор Норов М.С. омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот 6 мақола чоп гардидааст, ки аз 3,4 ҷ.ч. (1,7 ҷ.ч. аз муаллиф), буда аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи ташхисӣ барои ҳимояи такрорӣ намудани диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, раста-

нипарварӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, тавсия медиҳад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақола чоп гардидааст, ки аз 3,4 ҷ.ч. (1,7 ҷ.ч. аз муаллиф), буда аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъйин карда шаванд:

**Алимуродов Абдузоҳид Султонович** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Музафарзода Даврон Маҳмадшариф** - номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Дангара.

**Санаи ҳимоя:** санаи ҳимоя 06 майи соли 2023, соати 10.00 муқаррар карда шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Омода намудани хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Бегназаров Д.Б. ба уҳдаи д.и.к., профессор Набиев Т.Н., д.и.к., профессор Қахаров Қ.Ҳ. ва н.и.к. Қаландаров А.Ф. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:
тарафдор - 13 нафар;
зид - нест;
бетараф – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, д.и.б., дотсент Исмоилов М.И.

Имзои Маҳмадёрзода У.М. ва Исмоилов М.И.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Н.А.Раджабова